ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ
"ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"

# НИЗОМНОМА
# ОИД БА ТАҲИЯИ НАҚШАИ ТАЪЛИМӢ

Душанбе - 2020

Сканировано с CamScanner

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ**
**"ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»
_________ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
аз «28» 11 соли 2020 №52.

# НИЗОМНОМА
# ОИД БА ТАҲИЯИ НАҚШАИ ТАЪЛИМӢ

**Душанбе - 2020**



Сканировано с CamScanner

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Низомнома оид ба таҳияи нақшаи таълимӣ (минбаъд — Низомнома) бо мақсади таъмини мутобиқати мазмуни омодасозии донишҷӯён ва хатмкунандагони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (СДТОК аз рӯи ихтисос) таҳия гардидааст.

## I. СОХТОРИ НАҚШАИ ТАЪЛИМӢ

1.1. Нақшаи таълимӣ аз рӯи самти мушаххаси тайёркунӣ қисми барномаи таълимӣ (минбаъд — БТ) буда, муайян менамояд: – феҳристи фанҳои таълимӣ ва таҷрибаомӯзиҳои омӯзишшаванда; – пайдарпайии татбиқи онҳо дар семестрҳои таҳсил, ки бар асоси пайдарҳамӣ ва иртиботи байниҳамдигарии онҳо ташкил мегардад; – давомнокии сессияҳои имтиҳонӣ, таътилҳо ва аттестатсияи давлатии хатм; – ҳаҷми вақти таълимие, ки барои омӯзиши ҳар як фан ҷудо мегардад ва тақсимоти он аз рӯи семестрҳо ва намудҳои машғулиятҳои таълимӣ; – шаклҳои санҷиши фосилавӣ (рейтинг) аз рӯи ҳар як фан; – намудҳо ва давомнокии аттестатсияи давлатии хатм.

1.2. Нақшаҳои таълимӣ барои ҳар як самти тайёркунӣ таҳия гардида, дар тамоми мӯҳлати таҳсил аз рӯи ҳамон самт амал мекунанд. Дар Донишкада имкон дорад якчанд нақшаи таълимӣ дар доираи як профили тайёркунии бакалавриат ва мутахассис бо дарназардошти самтгирии БТ таҳия карда шаванд.

1.3. Нақшаҳои таълимӣ ташкил ва мазмуни омодасозии донишҷӯёнро муайян намуда, дар асоси СДТОК аз рӯи ихтисос бо дарназардошти БТ таҳия мегарданд. Онҳо бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

– таъмини татбиқи босифати СДТОК аз рӯи ихтисосро таъмин намуда, ҳаҷми меъёри мундариҷа ва мутобиқати омӯзиши назариявию амалӣ муқаррар намоянд;

– аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад, ба дастовардҳои илм ва техника мутобиқ бошанд, истифодаи шакл ва усулҳои пешрафтаи таълиму тарбия, инчунин заминаи муосири таълимӣ-методӣ ва моддию техникӣ дар раванди таълимро пешбинӣ намоянд;

– самтгирии баланди назариявӣ, касбӣ ва амалии омӯзиши донишҷӯёнро таъмин намоянд.

1.4. Нақшаи таълимӣ бояд қатъиян дар асоси талаботи СДТОК аз рӯи ихтисос таҳия гардад. Нақшаи таълимӣ аз ҷониби МТҒ "Донишкадаи



Сканировано с CamScanner

тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон" таҳия шуда, тибқи тартиби муқарраргардида бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа ва тасдиқ карда мешавад.

1.5. Ҳангоми таҳияи нақшаи таълимӣ бояд талаботи СДТОК аз рӯи ихтисос ва муқаррароти ҳамин Низомнома роҳнамоӣ карда шавад.

1.6. Нақшаи таълимии БТ қисматҳои зеринро дар бар мегирад: Мундариҷа; I. Ҷадвали тақвимии раванди таълим; II. Маҷмӯи вақти таълим дар ҳафтаҳо (ё маълумоти ҷамъбастӣ оид ба буҷети вақт); III. Нақшаи раванди таълим; Қисмати хотимавӣ.

1.7. Мундариҷаи нақшаи таълимӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад: "Тасдиқ менамоям" — Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; "Мувофиқа карда шуд" — Ректори МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"; рамз ва номи самти тайёркунӣ; дараҷаи таҳсилот; тахассуси хатмкунанда; муҳлати таҳсил; шакли таҳсил (рӯзона).

1.8. Дар ҷадвали тақвимии раванди таълим барои ҳар як курс ва семестр бо рамзҳои дахлдор ҳафтаҳои тақвимӣ (аз рӯи моҳҳо) барои омӯзиши назариявӣ, рейтинг, сессияҳои имтиҳонӣ, таҷрибаомӯзиҳо (амалияҳо), таътилҳо ва аттестатсияи давлатии хатм нишон дода мешаванд. Ҳангоми тартиб додани ҷадвал бояд 52 ҳафта дар як соли таҳсил ба назар гирифта шавад. Таътилҳо дар соли таҳсил мутобиқи талаботи СДТОК аз рӯи ихтисос муқаррар карда мешаванд. Оғози ҳисобии соли таҳсил — 1 сентябр мебошад. Шӯрои олимони Донишкада ҳуқуқ дорад муҳлати оғози соли таҳсилро на бештар аз 2 ҳафта тағйир диҳад.

1.9. Тавозуни вақти таълим маълумоти ҷамъбастиро оид ба буҷети вақт дар ҳафтаҳо дар бар мегирад. Ҳангоми тартиб додани он шумораи ҳафтаҳо аз рӯи солҳои таҳсил ва дар маҷмӯъ барои тамоми давраи таҳсил, ки барои таълими назариявӣ (аз ҷумла рейтинг ва сессияҳои имтиҳонӣ), таҷрибаомӯзиҳо, омодасозии корҳои тахассусии хатм, аттестатсияи давлатӣ ва таътилҳо ҷудо мегарданд, ҳисоб карда мешавад.

1.10. Нақшаи раванди таълим дар бар мегирад: феҳристи ҳамаи фанҳои омӯзишшавандаро, ки мутобиқи СДТОК аз рӯи ихтисос аз рӯи блокҳо ва қисматҳо, курсҳо ва семестрҳо тақсим шудаанд, бо нишон додани миқдори кредитҳо, инчунин ҳаҷми умумии соатҳо барои омӯзиши ҳар як фан, аз ҷумла соатҳои аудиторӣ ва соатҳои барои омӯзиши мустақилона пешбинишуда.

1.11. Ҷадвали раванди таълим метавонад ҳам дар саҳифаи аввали нақшаи таълимӣ ва ҳам дар варақи алоҳида ҷойгир карда шавад.

1.12. Нақшаи раванди таълим омӯзиши зеринро пешбинӣ менамояд:

Блоки 1 — Фанҳо (модулҳо)



Сканировано с CamScanner

Блоки 2 — Таҷрибаомӯзиҳо (амалияҳо)
Блоки 3 — Аттестатсияи давлатии хатм
1.13. Блоки 1 "Фанҳо" қисми заминавӣ (ҳатмӣ) ва қисми тағйирёбанда (аз ҷумла фанҳои интихобӣ)-ро дар бар мегирад. Қисми тағйирёбанда (профилӣ) имконияти васеъ ва амиқ намудани дониш, малака ва маҳорати муайяншуда аз ҷониби фанҳои базавӣ (ҳатмӣ)-ро фароҳам оварда, ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки барои фаъолияти муваффақонаи касбӣ ва идомаи таҳсилоти касбӣ салоҳиятҳои иловагӣ ба даст оварад. Салоҳиятҳое, ки дар СДТОК аз рӯи ихтисос пешбинӣ шудаанд, барои таҳияи БТ аз ҷониби донишкадаи тиббӣ ҳатмӣ мебошанд. Донишкада ҳуқуқ дорад бо дарназардошти самтгирии БТ салоҳиятҳои иловагӣ муқаррар намояд.
1.14. Ҳаҷми меҳнатталабӣ бо кредит муайян карда мешавад. Ҳаҷми умумии меҳнатталабии фанҳо (модулҳо) ва таҷрибаомӯзиҳо бояд танҳо бо ададҳои бутуни кредит ифода гардад. Агар фан (модул) дар якчанд семестр омӯзонда шавад, тақсим намудани ҳаҷми умумии он то нисфи кредит иҷозат дода мешавад.
1.14.1. Ҳаҷми умумии меҳнатталабии БТ дар шакли таҳсили рӯзона бояд ба талаботи СДТОК аз рӯи ихтисос мутобиқ бошад. Ҳаҷми меҳнатталабии БТ дар як соли таҳсил барои шакли рӯзона ба 70 кредит баробар аст. Ҳаҷми меҳнатталабии блокҳо ҳамаи намудҳои назорати ҷорӣ ва аттестатсияи фосилавиро дар бар мегирад.
1.14.2. Ҳангоми таҳияи БТ донишкада бояд мутобиқати як кредитро ба 24 соати академӣ истифода намояд, агар аз ҷониби СДТОК аз рӯи ихтисос тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.
1.14.3. Ҳаҷми умумии меҳнатталабии фан наметавонад аз ду кредит кам бошад (ба истиснои фанҳои интихобии донишҷӯён).
1.14.4. Аз рӯи фанҳое, ки ҳаҷми меҳнатталабии онҳо зиёда аз се кредитро ташкил медиҳад, баҳои ("аъло", "хуб", "қаноатбахш") мутобиқи талаботи "Низомнома дар бораи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" гузошта мешавад. Баҳо аз рӯи фан метавонад на танҳо дар натиҷаи имтиҳон, балки бо истифодаи технологияҳои гуногуни таълимӣ (масалан, низоми холӣ-рейтингӣ ва ғайра) дода шавад. Ҳангоми таҳияи нақшаи таълимӣ барои фанҳое, ки ҳаҷмашон то 3 кредит ва камтар аст, ҳамчун шакли аттестатсияи фосилавӣ имтиҳон пешбинӣ кардан мумкин аст.
1.15. Қисми базавии (ҳатмии) Блоки 1 "Фанҳо" бояд фанҳои ҳатмии муқаррарнамудаи СДТОК аз рӯи ихтисосро дар бар гирад. Фани "Тарбияи ҷисмонӣ" низ барои ворид намудан ба БТ-и бакалавриат ва



Сканировано с CamScanner

мутахассис ҳатмӣ буда, ҳаҷми меҳнатталабии он ҳангоми таҳияи нақшаҳои кории таълимӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

1.16. БТ-и бакалавр бояд фанҳои интихобии донишҷӯёнро дар ҳаҷме, ки СДТОК аз рӯи ихтисос танзим менамояд, дар бар гирад.

1.17. Ҳаҷми ниҳоии сарбории таълимии донишҷӯён тибқи "Низомнома дар бораи тартиби ташкил ва амалигардонии фаъолияти таълимӣ аз рӯи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ — барномаҳои бакалавриат ва мутахассис" МТҒ "Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон" муайян карда мешавад.

1.18. Ҳаҷми ниҳоии машғулиятҳои аудиторӣ дар як ҳафта ҳангоми азхудкунии БТ дар шакли таҳсили рӯзона мутобиқи "Низомнома дар бораи тартиби ташкил ва амалигардонии фаъолияти таълимӣ аз рӯи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ — барномаҳои бакалавриат ва мутахассис" МТҒ "Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон" танзим мегардад.

1.19. Намудҳои мушаххаси таҷрибаомӯзиҳо аз ҷониби БТ муайян гардида, ба нақшаи таълимӣ мутобиқи "Низомнома дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёне, ки барномаҳои таҳсилоти олии касбиро аз худ менамоянд" ворид карда мешаванд.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои марказии таълимӣ - методии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон" аз «02» 09 соли 2020 (суратҷаласаи №2) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон" аз «28» 11 соли 2020. (суратҷаласаи №5/5-9) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.



Сканировано с CamScanner

## ВАРАҚАИ МУВОФИҚА

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба таълим ва таҷрибаомӯзӣ | М.Сорбон | 26.11.20 | [signature] |
| 2. | Сардори раёсати таълим | Раҳмонов Ш.М. | 26.11.20 | [signature] |
| 3. | Декани факултети тиббӣ | Ризоева Г.И. | 26.11.20 | |
| 4. | Декани факултети фарматсевтӣ | Эгамова М.М. | 26.11.20 | [signature] |
| 5. | Декани факултети стоматологӣ | | 26.11.20. | [signature] |

## ВАРАҚАИ ҚАЙДИ ТАҒЙИРОТ

| № | Асос барои ворид намудани тағйирот | Рақами саҳифа | Тафсири кӯтоҳи тағйирот | Санаи воридкунӣ | Ному насаби ва имзои тағйирот ворид намуда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |



Сканировано с CamScanner

## ВАРАҚАИ ШИНОСОЙ

| № | Вазифаи ишғолкарда | Ному насаб | Санаи шиносой | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |



Сканировано с CamScanner